Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и
назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи **«Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ)»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносӣ – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.

Бо шарофти истиқлоли давлатӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ ҷиҳати ташаккулу густариши илми ватанӣ шароити мусоид ба даст омад ва бо истифода аз ин фурсат самтҳои ҷудогонаи илму пажӯҳиш шаклҳои махсусро ба худ касб намуд.

Бояд зикр намоем, ки зарурати омӯзиш ва таҳқиқи забонҳо ҳамеша дар доираи Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ зикр мешавад. Ин амал, аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқи забонҳои гуногун дар шароити кунунӣ, амри зарурӣ ва воқеӣ мебошад. Дар баробари ин, маводҳои диссертатсия барои корҳои минбаъда дар самти омӯзиши муқоисавӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими илмӣ асоснокшуда мавриди истифода шуда метавонанд.

Дар шароити кунунӣ омӯзишу баррасии самтҳои мухталифи забоншиносии ватанӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, муҳаққиқонро водор месозад, ки ҷиҳати мукаммал гардонидани саҳифаҳои камомӯхташуда бо такя ба сарчашма ва адабиёти муътамад таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд.

Вобаста ба ин, таҳқиқоти диссертатсионии Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи ««**Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ** (дар асоси «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ)»» мубрам буда, ба ихтисоси пешниҳодшуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносӣ – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат менамояд.

**Мубрамии таҳқиқоти** мазкур ба он равона шудааст, ки муҳаққиқ дар илми забоншиносии муосир муҳим будани воситаҳои тасвири бадеиро дар пурра баён намудании андешаи гуянда мебинад, ки ин амал дар шароити ҷаҳонишавӣ ва омӯзиши мутақобилаи забонҳо мавқеи муҳим дорад.

Таҳлилу баррасӣ намудани масъалаҳои мубрам ва афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ яке аз самтҳои муҳиму доманадор маҳсуб ёфта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои мондагор ба пажӯҳиши ин самтҳо пайваста сайъу талош намоянд. Дар ин раванд, дар илми забоншиносии муосири тоҷик низ таҳлилу баррасӣ намудани мавзуъҳои мубрами камомӯхташуда яке аз вазифаҳои асосии олимону муҳаққиқон ба шумор меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ дар натиҷаи омӯзиш вижагиҳо, шабоҳат ва тафовутҳои воситаҳои тасвири бадеиро дар асоси осори С.Айнӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, дар ин замина усулҳои гуногуни воситаҳои бадеиро таҳқиқ ва таҳлил намудааст, ки сабаби ба миён омадани андеша ва натиҷаҳои нав дар диссертатсия гардидаанд.

Аҳамияти илмию амалии таҳқиқот ба он равона шудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқи мавриди назар барои мураттаб сохтани роҳнамоҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба фанни "Забоншиносӣ", барои тартиб додани луғатномаҳо, ҳамчунин, барои тарҷумаи назариявӣ ва амалӣ барои курсҳои лексионӣ оид ба забоншиносии забонҳои муқоисашаванда барои типологияи забонҳои тоҷикӣ, англисӣ, русӣ ва

дигар забонҳо, барои навиштани корҳои курсӣ ва дипломӣ мусоидат менамояд.

Муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзӯъ 8 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда рӯйи чоп овардааст, ки ин нишондод шоистаи таҳсин аст ва тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 189 саҳифаро фаро мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия меравад.

Боби аввали диссертатсия «**Заминаҳои назариявии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, аз чор зербоб таркиб ёфтааст. Дар боби мазкур мафҳум, моҳият ва навъҳои воситаҳои бадеӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Дар зербоби мазкур таҳқиқи муқоисавиро ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар заминаи мисолҳои асари бадеӣ дидан мумкин аст, ки ба кор ҳусни дигар додааст.

Таснифи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар заминаи андешаҳои олимони гуногуни соҳа ба монанди Д.Э. Розентал, И.Р. Гарперин ва барвақттар аз онҳо андешаҳои Арасту, Ситсерон ва дигарон мавриди пажӯҳиши мушаххас қарор дода шуда, ҷойгоҳи хоса доштани онҳо дар осори бадеӣ нишон дода шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки роҳҳои истифодаи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ низ вижагиҳои хос дорад, ки ин паҳлуи масъала аз назари муҳаққиқ дур намондааст.

Аслан, воситаҳои забонии тасвири бадеӣ яке аз воситаҳои асосии ифодаи фикранд, аз ин рӯ, дар тарҷума низ онҳо мавқеи муҳим доранд. Оид ба ин масъал муҳаққиқ дар доираии мисолҳо аз осори тарҷумашудаи устод Айнӣ истифода бурда, муҳимият ва аҳамияти онро таҳқиқ намуда, хулосаҳои амиқи илмӣ пешниҳод сохтааст.

**Дар** боби дуввум **"Вижагиҳои лексикӣ ва грамматикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-и С.Айнӣ"** пажуҳиши мушаххас дар доираи истифодаи онҳо ҳамчун ҳиссаҳои нутқ пешниҳод мешавад.

Мисолу намунаҳои гуногун, ки пажуҳиши мазкурро дар ҳақиқат ҳусни дигар додааст, хеле зиёд ва бомаврид ба назар мерасанд. Масалан, муаллиф дар шарҳу тавзеҳи епифораҳои лексикӣ дар саҳифаи 67 мисоли зеринро овардааст: *Инҳо гургзода будаанд, гург шудаанд, чунки оқибат гургзода гург шавад".* Такрор намудани вожаи *гургзода гург шуданд* дар асл барои хонанда шавқовар аст ва барои ҷолиб шудани он мавқеи муҳим дорад. Ин гуна намунаҳо дар диссертатсия хеле зиёд ба назар мерасанд, ки бароии ҳалли масъала кумак расонидаанд.

Боби сеюм "**Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар "Ёддоштҳо"-С.Айнӣ ва тарҷумаи он дар забони англисӣ"** ном дошта, фарогири якчанд зербобҳост.

Дар он муҳаққиқ дар заминаи тарҷумаи англисии асари номбурда воситаҳои забонии тасвири бадеиро моҳирона мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мушоҳида мешавад, ки муҳаққиқ хеле дақиқсанҷ аст ва ба тамоми паҳлуҳои тарҷума диққати махсус додааст.

Мавриди зикр аст, ки ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои дар он матраҳгардида ҳалли худро ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст карда, инчунин, якчанд тавсияи судманд оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод намудааст.

Рисолаи илмии Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи таҳқиқоти илмӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар баробари дастоварду комёбӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Камбудиҳои имлоӣ дар автореферат, мас. с.21, ва ғ.
2. Хуб мешуд агар дар таҳлили баъзе аз мисолҳо тарҷумаҳои тоҷикии онҳо низ нишон дода мешуд, то ин ки барои дигарон низ фаҳмотар бошад, нозукӣ, равонӣ, саҳеҳбаёнии мутарҷимон амиқ карда мешуд. Масалан, дар автореферат сах, 19."They dissap……
3. Ба назари мо бо усулҳои гуногуни тарҷума ва истифода аз маводи асари бадеӣ нишон додани воситаҳо дар тарҷумаи ҳамон мисолҳои интихобшуда ва муайян кардани воситаҳои тасвири бадеӣ дар ҳамон намуна боиси боло рафтани сифати кор мегардид.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба асонӣ баратараф хоҳанд шуд.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Тавсифи мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, моҳияти илмии кори мазкурро инъикос менамояд.

Мусаллам аст, ки дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз он ҷумла, забони англисӣ хеле вусъат ёфтааст. Дар ин асос,

омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии забонҳо вусъат гирифта, доираи пажуҳиши мавзуҳои гуногуни забонҳо пурратар шуда истодааст. Дар ин раванд, муносибатҳои гуногуни фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо сабаб шуда метавонанд, яъне дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯзиши муқоисавии забонҳо аз манфиат холӣ буда наметавонад.

Маълум аст, ки муҳаққиқи диссертатсия бар болои мавзуи интихобнамудааш ҷиддӣ кор бурда, дар ин замина чандин дастовардҳои илмиро низ пешниҳод намудааст. Дар раванди кор муҳақиқ тавонистааст, ки муҳтавои диссертатсияи худро дар шакли мақола ва баромад дар конфронсҳои сатҳи гуногун пешниҳод намояд.

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионии Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзуи « **Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (**дар асоси «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ**)»** кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯй аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносӣ – (Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Номзади илмҳои филология,
дотсенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ
ДБЗХТ ба номи с.Улуғзода
Туйғунов Носир Ҳақбердиевич

Имзои Н. Ҳ. Туйғуновро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи С.Улуғзода
Нишонӣ: н. И.Сомонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиева 17/6
Тел: (99237) 2325029
E-mail: tuygunovnosir@mail.ru
Сомона: www.ddzt.tj

Юсупова Бибиҷон

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС — ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА

« 14 » ноября соли 2023